«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ

Насриддинзода Э.С. ________________

«20»______11______ соли 2025

# НУСХА АЗ ПРОТОКОЛИ №4

Ҷаласаи навбатии кафедраҳои ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

аз 18 ноябри соли 2025 ш. Душанбе

Раиси ҷаласа: д.и.ҳ., профессор Мирализода И.Қ.

Котиби ҷаласа: лаборанти кафедра Азизов С.С.

Иштирок доштанд: мудири кафедра, д.и.ҳ., профессор Мирализода И.Қ., д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ., д.и.ҳ., профессор Раҳмон Д.С., д.и.ҳ., профессор Азиззода У.А., д.и.ҳ., профессор Камолзода И.И., н.и.ҳ., дотсент Саъдизода Ҷ., н.и.ҳ., дотсент Бобоева Н.И., н.и.ҳ., дотсент Саидзода И.И., н.и.ҳ., дотсент Шоев Ф.М., н.и.ҳ., дотсент Искандаров Ш.Ф., н.и.ҳ., дотсент Куканов А.З., н.и.ҳ., ассистент Исозода П.А., н.и.ҳ., ассистент Сафарализода Д.С., н.и.ҳ., ассистент Холиқов Н.А., н.и.ҳ., ассистент Вализода С.О., муаллимони калон Холиқова О.А., Исматова М.Ҳ. ва ассистентон Аҳадзода А.А., Муминзода М.Н., Бобозода У.Э., Иброҳимзода Ш.Ҳ., Сайфуддинзода Ф.С. ва лаборанти кафедра Азизов С.С.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Муҳокимаи рисолаи доктории унвонҷӯ-докторанти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои

ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**Мушовири илмӣ:** д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ.

Раиси ҷаласа д.и.ҳ., профессор, мудири кафедра Мирализода И.Қ. қайд намуд, ки масъалаи имрузаи рӯзномаи ҷаласаи муштараки кафедраҳоро муҳокимаи рисолаи доктории унвонҷӯ-докторанти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, зери мушовирии д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ. ташкил медиҳад.

Барои баёни мухтасари мубрамият, нуктаҳои асосӣ ва мазмуни рисола сухан ба унвонҷӯ-докторант Аминзода А.Х. дода шуд. (баромад замима мегардад)

Баъди баромади Аминзода А.Х. азҷониби устодони дар ҷаласа ҳузурдошта ба ӯ саволҳо дода шуд, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавобҳои мушаххас гардонид.

Сипас сухан ба мушовири илмии унвонҷӯ-докторант, профессор Холиқзода А.Ғ. дода шуд. Дар баромад устод қайд намуд, ки диссертатсияи унвонҷӯ-докторант Аминзода А.Х. дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» кори илмии анҷомёфта буда, нахустин таҳқиқоти илмӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Татбиқи он барои ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат мекунад. Ҳамзамон қайд намуд, ки Аминзода А.Х. аз соли 2012 то ин ҷониб фаъолияти илмӣ-омӯзгорӣ намуда истода, қобилияти баланди эҷодӣ дорад.

Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат намудабарои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавчия дода мешавад.

Мудири кафедра қайд намуд, ки нусхаи рисола ба устодони факултет д.и.х., профессор Раҳмон Д.С., д.и.ҳ., профессор Азиззода У.А., д.и.ҳ., профессор Камолзода И.И. ва д.и.х. профессор Мирализода И.Қ. пешакӣ тақсим гардида буд. Аз устодони мазкур хоҳиш карда шуд, ки андешаҳояшонро оид ба рисола иброз намоянд.

Нахуст сухан ба д.и.ҳ., профессор Раҳмон Д.С. дода шуд. Ӯ андешаҳояшро оид ба рисолаи илмии Аминзода А.Х. ифроз намуд. Мавсуф қайд кард, ки рисолаи идмии унвонҷӯ-докторант дар сатҳи хуб омода карда шудааст. Ҳамзамон баъзе камбудиҳо мавҷуд буданд, ки унвонҷӯ-докторант онҳоро ислоҳ кардааст.

Баъдан сухан ба д.и.ҳ., профессор Азиззода У.А. дода шуд. Ӯ андешаҳояшро оид ба рисолаи илмии Аминзода А.Х. ифроз намуда, баъзе камбудиву норасоиҳои рисоларо қайд намуд. Дар умум қайд кард, ки рисола кори илмии анҷомёфта буда, ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Д.и.ҳ., профессор Камолзода И.И. андешаҳояшро оид ба рисола ифроз намуда қайд кард, ки он дар сатҳи хуб навишта шудааст ва ба ҳимоя дар Шурои диссертатсионӣ тавсия карда мешавад.

Қайд карда шуд, ки Аминзода А.Х. муҳаққиқи ҷавони пурмасъул буда, муаллифи беш аз 27 мақолаи илмӣ мебошад ва бо маърӯзаҳои худ дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявию байналмиллалӣ ва семинарҳои илмӣ-амалӣ иштирок ва баромад намудааст.

Мудири кафедра д.и.ҳ. профессор Мирализода И.Қ. андешаҳояшро оид ба рисолаи мазкур ифроз намуда қайд намуд, ки дар рисолаи илмӣ асосан ғалатҳои техникӣ ва риоя нашудани баъзе қоидаҳои нав ба чашм мерасид, ки аз ҷониби унвонҷӯ-докторант ислоҳ карда шуда, ҷавобу шарҳҳои муфассал гардонида шуд.

Мудири кафера Мирализода И.Қ андешаҳои иштирокчиёни ҷаласаро ба инобат гирифта, пас аз муҳокима рисолаи доктории Аминзода А.Х.-ро ба овоздиҳӣ гузошт. Аз устодони дар ҷаласа ҳузурдошта хоҳиш намуд, ки мавқеи худро оид ба рисолаи мазкур муайян намоянд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 23 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 23 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» - 0 нафар. Ҳамин тариқ,

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Рисолаи доктории унвонҷӯ-докторанти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ Аминзода Абдурраззок Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар

бораи ҳуқуқ ва давлат, зери мушовирии д.и.х., профессор Холиқзода А.Ғ. барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат тавсия карда шавад.

2. Хулосаи мусбати кафедраҳои ҳуқӯқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи ДМТ оид ба рисолаи мазкур ба Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дода шавад. (Хулоса замима мегардад)

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ Мирализода И.Қ.
**Котиби маҷлс:** Азизов С.С.
Имзои Мирализода И.Қ. ва
Азизов С.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«19» 11 2025